**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

**КАФЕДРАИ ФАЪОЛИЯТИ БИРЖАВӢ**

# ДАСТУРИ МЕТОДӢ

**оид ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯёни ихтисоси 1-25010408 – бозори фондӣ**

**Душанбе - 2022**

ББК 65.2.(2)

М – 90

УДК:336

Бо қарори Шӯрои илмӣ – методии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон суратмаҷлиси №7/4. аз “23” феврали соли 2022 ба чоп тавсия карда шудааст.

Муқарризон: номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти биржавӣ Муслихова Т.Т.,

Мудири кафедраи молияи ДБССТ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Алишоев Х.М.

Қараев Р.Х., Солиев Н.А., Раҳимзода Ф.М.

Дастури методӣ доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ барои донишҷӯёни ихтисосӣ 1 – 25010408 – бозори фондӣ

Душанбе: ДДМИТ, 2022. – 27 саҳ.

Таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ яке аз самтҳои асосии таълим буда, барои дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявӣ равона карда шудааст. Бинобар ин дастури методӣ доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ мақсад ва вазифаҳои мушаххаси худро дорад, ки барои дар амалия истифода бурдан барои донишҷуён таҳия гардидааст. Дастури методии мазкур имконият медиҳад, ки донишҷуёне, ки ба таҷрибаомӯзӣ сафарбар мегарданд, дар раванди таҷрибаомӯзӣ корҳои амалӣ, лабораторӣ, навиштани мақолаҳои илмӣ ва ҳисоботро аз худ намуда, дар амал татбиқ менамоянд.

©Қараев Р.Х., Солиев Н.А., Раҳимзода Ф.М., 2022

Мундарича

Пешгуфтор
Мақсад, вазифаҳо ва макони баргузории таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ
Мазмуни таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ барои ихтисоси бозори фондӣ
Ташкил ва идораи  таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ
Уҳдадориҳои донишҷӯ
Хулоса ва ҳимоя намудани натиҷаҳои таҷрибаомӯзӣ бо пешниҳоди ҳисобот
Натиҷагирӣ аз гузаштани таҷрибаомӯзӣ
Соҳтор ва нақшаи таҷрибаомӯзии таълимӣ
Ҷамъбасти таҷрибаомӯзӣ
Шакли ҳисобот доир ба таҷрибаомӯзӣ
Таъминоти таълимӣ-методологӣ ва иттилоотии тачрибаомӯзӣ
Замимаҳо

# 1. ПЕШГУФТОР

Дастури методӣ доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ (минбаъд дастури методӣ) қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи раванди таълим ба шумор рафта, ҳамчун маводи зарурӣ ва муҳим ҷиҳати омоданамудани мутахассисони соҳибкасб дар соҳаи бозори фондӣ ба шумор меравад.

Дастури методӣ дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маъориф ва илм”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти олии касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ”, Низомномаи намунавӣ дар бораи таҷрибаомӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии марбут ба соҳа таҳия гардидааст. Дар дастури методӣ тартиби ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ (шиносоӣ), истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ ба таври комил дарҷ ёфтааст.

Ҳамзамон, асоси иқтисодӣ барои ташкил ва баргузории таҷрибаомӯзии донишҷӯёни ихтисоси 1-25010408 - бозори фондӣ, Фармоиши тасдиқнамудаи ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Таҷрибаомӯзии донишҷӯён тибқи нақшаи таълимии амалкунанда, барномаи таҷрибаомӯзӣ ва супоришҳои ифиродӣ ташкил карда мешавад.

Дастури методӣ бо назардошти талаботҳое, ки нисбат ба омоданамоии мутахассисони ихтисоси 1- 25010408 – бозори фондӣ муқаррар гардидаанд таҳия карда шуда, фаслҳои зеринро дар бар мегирад;

- мақсад, вазифа ва макони (муассисаи) баргузории таҷрибаомузии пеш аз дипломӣ.
- мазмуни (мундариҷаи) таҷрибаомузӣ.
- ташкил ва роҳнамои намудан ба таҷрибаомузӣ.
- ӯҳдадориҳои донишҷӯ.
- ҷамъбаст, хулоса ва ҳимоя намудани натиҷаҳои таҷрибаомузӣ бо пешниҳоди ҳисобот дар мӯҳлати муқарраргардида.

Дастури методӣ барои донишҷӯёни курсҳои 2-юм, 3-юм ва 4-уми ихтисоси 1–25010408 – бозори фондӣ, таҳсили рӯзона ва фосилавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст ва аз ҷониби комиссияи таълимӣ – методии Шӯрои илмӣ-методии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баррасӣ ва тасдиқ карда шудааст.

Таҷрибаомӯзӣ дар раванди таҳсил бо мақсади амиқ ва васеътар омӯхтани фанҳои ҷудогонаи махсус ва тахассусӣ дар воҳидҳои сохтории бозори фондӣ ташкил карда мешавад.

Таҷрибаомӯзӣ ҷузъи ҳатмӣ ва муҳими нақшаи таълим ба шумор рафта, муассисаҳои олии касбӣ ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ ташкил намудани он масъул мебошанд. Таҷрибаомӯзӣ бояд тарзе ташкил ва ба роҳ монда шавад, ки донишҷӯ имконияти истифодаи дониш ва малакаи гирифтаашро зимни навиштани рисолаи хатм ба таври мукаммал мавриди истифода қарор дода тавонад. Агар донишҷӯ таҳсилро дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо кор дар яке аз соҳаҳои халқ якҷоя пеш барад, пас муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ дорад гузаштани таҷрибаомӯзиро дар ҷои кораш иҷозат диҳад, ба шарте, ки хислати кори аз тарафи донишҷӯ иҷрокардашаванда ба соҳаи тахассусе, ки аз рӯи он вай дар муассисаи олии касбӣ таҳсил мекунад, мувофиқ бошад.

Барномаи таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ барои донишҷӯёни курсҳои 4 – уми шуъбаи рӯзона, ки аз рӯи ихтисоси бозори фондӣ таҳсил менамоянд, таҳия карда шуааст. Дар барномаи таҷрибаомӯзии омоданамуда маълумоти мухтасар оид ба мақсад, вазифа ва мазмуни таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ, тартиби ҳимояи ҳисобот аз рафти таҷрибаомӯзӣ, уҳдадории донишҷӯи таҷрибаомӯз ва роҳбари таҷрибаомӯз оварда шудааст.

Барнома аз 11 қисм иборат мебошад:

1. Мақсад, вазифа ва макони (муассисаи) баргузории таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ.
2. Мазмун ва муҳтавои таҷрибаомӯзӣ.
3. Ташкил ва идораи таҷрибаомӯзӣ (таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ).
4. Уҳдадориҳои донишҷӯ.
5. Хулоса ва ҳимоя намудани натиҷаҳои таҷрибаомӯзӣ бо пешниҳоди ҳисобот.
6. Натиҷагирӣ аз гузаштани таҷрибаомӯзӣ
7. Соҳтор ва нақшаи таҷрибаомӯзии таълимӣ
8. Ҷамъбасти таҷрибаомӯзӣ
9. Шакли ҳисобот доир ба таҷрибаомӯзӣ
10. Таъминоти таълимӣ-методологӣ ва иттилоотии таҷрибаомӯзӣ
11. Замимаҳо

## 2. МАҚСАД, ВАЗИФАҲО ВА МАКОНИ (МУАССИСАИ) БАРГУЗОРИИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕШАЗДИПЛОМӢ

Дар шароити густариш ёфтани муносибатҳои бозоргонӣ талабот ба хатмкунандагони мактабҳои олӣ меафзояд. Аз ин лиҳоз, вобаста ба талаботи замон, муассисаҳои олии кишварро зарур аст, ки барномаҳои илман асоснокшудаи низоми омоданамудани мутахассисонро ба роҳ монанд, то ки он ба талаботи афзоишёбандаи бозори меҳнат ҷавобгӯ бошад.

Барномаи таҷрибаомӯзии пеш аз дипломӣ қисми ҷудонашавандаи ҷараёни таълим ба ҳисоб рафта, он дар асоси нақшаи таълимӣ омода карда мешавад. Барномаи таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯён имконияти зиёд намудани малакаи амалии онҳоро аз рӯи ихтисос таъмин намуда, дар рафти гузаштани таҷрибаомӯзӣ донишҳои назариявии донишҷӯён низ мустаҳкам мегардад.

Таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талабот дар Биржаи Фондии Осиёи Марказӣ, ки дар дохили давлат ва берун аз он фаъолият дорад ба роҳ монда шуда, он дар асоси нақшаи таълимӣ бо назардошти ихтисоси хатмкунанда мавриди омода қарор дода шудааст.

Муҳлати таҷрибаомӯзӣ дар асоси фармони ректори донишгоҳ муайян карда мешавад.

Замони гузаштани таҷрибаомӯзӣ: ҳамасола мувофиқи нақшаи таълимӣ ба роҳ монда мешвад.

**Мақсади асосии таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ.**

1. Сайқал додани дониши назариявӣ, ки дар натиҷаи таҳсил намудан дар донишгоҳ аз худ намудааст, инчунин ба даст овардани малакаҳои амале, ки дар натиҷаи гузаштани таҷрибаомӯзӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар муассисаҳое, ки мутобиқ ба ихтисос мебошанд.
2. Ҷамъоварӣ, таҳлил ва ҷамъбасти маводҳои дар натиҷаи гузаштани таҷрибаомӯзӣ бадастомада ва истифодаи онҳо зимни омода намудани рисолаи хатмкунӣ.

Ҷиҳати ноил гаштан ба мақсадҳои ниҳоӣ дар рафти таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯ зарур аст:

1. Дарёфти роҳҳои ҷамъоварии маълумот ва таҳлил намудани маълумотҳои гуногуни иқтисодӣ.

2. Омӯзиши усулҳои танзим, банақшагирӣ ва назорат, инчунин омӯзиши дигар масъалаҳо, ки ба фаъолияти биржаҳо тааллуқ доранд.

3.Дар амалия гузаронидани амалиётҳои гуногуни биржавӣ бо назардошти имкониятҳои биржаи фондӣ.

## 3. МАЗМУН ВА МУҲТАВОИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

Дар рафти гузаштани таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯ зарур аст:

- шиносоӣ доштан бо санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ, ки бевосита фаъолияти биржаҳоро танзим менамоянд;
- шиносоӣ бо сохтори ташкилии биржа ва зерсохторҳои он;
- шиносоӣ бо тарз ва усулҳои корӣ дар биржаи фондӣ ва зерсохторҳои он дар натиҷаи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунгузорӣ;
- шиносоӣ бо фаъолияти биржаҳо ва ё дигар ташкилотҳои дар он бақайдгирифташуда;
- омӯзиши самтҳои асосии фаъолияти биржа;
- омӯзиши фаъолияти аниқи биржаи фондӣ ва бозори коғазҳои қиматнок вобаста ба макони гузаштани таҷрибаомӯзӣ;
- баҳо додан ба вазъияти молиявию – иқтисодии муассисаи дар биржа ба қайд гирифташуда;
- ҷамъоварии маводҳои амалӣ барои истифодаи онҳо дар рафти омодасозии рисолаи хатмкунӣ;

**Донишҷӯ дар рафти гузаштани таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ бояд масъалҳои зеринро омӯхта аз ӯҳдаи иҷрои онҳо бараояд:**

***1. Ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумотҳои иқтисодӣ;***

✓ тартиб додани ҷадвалҳои таҳлилии тавсифкунандаи фаъолияти биржа ва мизоҷони он;

✓ омӯзиш ва таҳлили тавозун, баҳодиҳии ҳолати вазъи он;

✓ баҳодиҳии самаранокии истифодабарии имконоти биржа, ҳамгироии биржа бо муасиссаҳои молиявию-бонкӣ, риоя намудани меъёрҳои муқарраршуда аз ҷониби биржа, тартиби бақайдгири ҷамъиятҳои саҳҳомӣ дар биржа ҳам аз нигоҳи иқтисодӣ ва ҳам аз нигоҳи ҳуқуқӣ;

✓ ба расмият даровардани натиҷаи таҳлилҳо, қабули қарорҳои

инфиродию коллективӣ ва дарёфти роҳҳои ҳалли ин қарорҳо;

✓ пешгӯии самаранокии фаъолияти биржа дар мувофиқа бо қабули қарорҳо ва таъмини иҷроиши қарорҳо;

✓ ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои биржа тибқи меъёрҳои қабулшуда;

✓ ба расмият даровардани амалаиётҳои биржавӣ тибқи ҳуҷҷатгузории биржавӣ ва инъикос намудани амалиётҳо дар ҳисобҳои муҳосиботӣ;

✓ тартиб додани ҳисоботҳои оморию муҳосиботӣ;

✓ самаранок истифода намудани воситаҳои муосири техникӣ дар рафти фаъолияти корӣ.

***2. Гузаронидани амалиётҳои зерини бонкӣ:***

✓ кушодани суратҳисобҳои биржавӣ (ҳисоби брокерӣ);

✓ пешниҳоди намудҳои гуногуни хизматрасониҳо ба мизоҷон;

✓ расонидани хизматҳои гуногуни биржавӣ ва ба расмият даровардани хизматҳо;

✓ харид, фурӯш, нигоҳдории коғазҳои қиматнок, чекҳо ва васиқа, инчунин гузаронидани амалиётҳо бо коғазҳои қиматнок;

✓ хариду фурӯши коғазҳои қиматноки давлатӣ;

**Омӯзиши масъалаҳои асосии фаъолияти биржавӣ аз рӯи қисмҳои зерин ба роҳ монда мешавад:**

**Тавсифи умумии фаъолияти биржавӣ**

Аз худ намудани низомномаи биржа ва ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки биржаи фондӣ дар асоси онҳо созмон дода шуда фаъолият менамояд. Шиносоӣ бо сохтори биржа, сатҳи хизматрасонӣ, зерсохторҳои он, вазифаи хар як зерсохтори биржа, теъдод ва ҳайати иштирокчиёни он, намудҳои хизматрасонӣ, ки аз ҷониби биржаи фондӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда ба мизоҷони худ расонида мешавад.

Бо дар назардошти нишондодҳои солонаи биржа, баҳогузорӣ намудани нишондодҳои асосии фаъолияти биржа, таҳлил намудани нишондодҳои даромаднокӣ ва фоиданокии он. Тавсиф ва баҳогузории дурусти сохтори даромаду хароҷоти биржа.

**Хизматрасониҳои биржавӣ**

***1.Хизматрасониҳои молиявӣ дар биржаи фондӣ.*** Дар амал омӯзиши ташкили муносибатҳои биржа бо иштирокчиёни бозор;

- ✓ тартиби қабули ҳуҷҷатҳои ҷамъиятҳои саҳҳомӣ;
- ✓ усулҳои таҳлили вазъи молиявии ширкатҳо ва ҷамъиятҳои саҳҳомӣ;
- ✓ ташкили муомилоти виртуалӣ байни харидорон ва фурӯшандагони коғазҳои қиматноки баровардашуда дар бозори коғазҳои қиматноки дуюмдараҷа, яъне вазифаи броекр ва маклерро иҷро намудан;
- ✓ тартиби ташкили савдо дар биржа; пешниҳоди майдони тиҷорат (майдончаҳои электоронӣ ва ё биною иншоот);
- ✓ коркарди қоидаҳо барои тиҷорат;
- ✓ батанзимдарории баҳсҳои бавуқӯъ омада, пешниҳоди кафолат аз рӯи созишномаҳо;
- ✓ листинг- дохилнамоии моли биржавӣ ба рӯйхати биржа;
- ✓ нархмонӣ- муқаррарнамоии нархи моли биржавӣ дар натиҷаи гузаронидани савдо;

***2.Тартиби кор дар биржа ва навъҳои хизматрасонӣ****,* Портфели коғазҳои қиматноки кӯтоҳмуддат –коғазҳои қиматноки бозоригири аввалиндараҷа, яъне коғазҳои қимтаноке, ки талабот ба онҳо зиёд аст ва дар як давраи кӯтоҳ фурӯши онҳо имконпазир мебошад, (масалан “муҳраҳои кабуд”).

***3.Хавфҳои биржавӣ.*** Муайян намудани коғазҳои қиматноки ба фурӯш баровардашаванда; муайяннамоии “дарозӣ”- и мавқеъ – дароз ва ё кӯтоҳ. Мавқеи дароз - бозӣ дар самти болоравиро дар назар дорад, яъне харидории коғази қиматнок (асъор, мол) бо мақсади дар оянда бо нархи баландтар аз нархи қаблан харидоринамуда фурӯхтан. Мавқеи кӯтоҳ – фурӯши коғази қиматнок (асъор, мол) бо мақсади дар оянда бо нархи арзон харидорӣ намудани он.

***1.Таҳлили фундаменталӣ****.* Таҳлили вазъ ва динамикаи бозор дар вобастагӣ аз нишондиҳандаҳои фундаменталии иқтисодӣ. Мақсади таҳлили фундаменталӣ арзёбии воқеии (дохилӣ, одилона) арзиши ширкат ҷиҳати муайяннамоии арзиши боинсофонаи саҳмияҳои он.

2.Таҳлили омилӣ - таҳлилест, ки дар худ таҳлили омилҳои гуногуни ба тиҷорат дар биржа таъсиррасонанда.

***3.Амалиётҳои бонкҳои инвеститсионӣ бо когазҳои қиматнок:***

- ✓ нашри коғазҳои қиматноки худӣ;
- ✓ сармоягузории бонкҳо ба коғазҳои қиматнок;
- ✓ амалиёти бонкҳои инвеститсионӣ бо коғазҳои қиматнок

Таҷрибаи дар рафти гузаштани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ бадастомада ва маълумотҳои ҷалбшуда бояд дар ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ ва рисолаи хатмкунӣ дарҷ гардад.

## 4. ТАШКИЛ ВА ИДОРАИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ (ТАЪЛИМӢ, ИСТЕҲСОЛӢ ВА ПЕШАЗДИПЛОМӢ).

Тачрибаомӯзии пеш аз дипломиро донишҷӯ ихтиёран интихоб намуда, ҳуқуқи дар дилхоҳ муассисаи бонкӣ ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ гузаштани таҷрибаомӯзиро дорад. Аз ҷумла, дар биржаи фондӣ ва зерсохторҳои он.

Пеш аз оғози таҷрибаомӯзӣ роҳбарони таҷрибаомӯзиро аз донишгоҳ зарур аст нақшаи таквимиро барои донишҷӯён омода намуда, ба донишҷӯён пешниҳод намоянд. Донишҷӯёнро зарур аст, ки таҷрибаомӯзии пеш аз дипломии худро тибқи нақшаи тақвимӣ ба роҳ монда, талаботи муассисае, ки дар он таҷрибаомӯзии худро мегузаранд, риоя намуда, дар фаъолияти муассиса фаъол бошанд. Инчунин аз донишҷуён дар рафти таҷрибаомӯзӣ талаб карда мешавад, ки дар ҷараёни тачрибаомӯзӣ серталаб бошанд ва бо иштироки роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз биржа, амалиётҳои биржавиро мустақилона гузаронанд.

Дар марҳилаи гузаштани таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯ зарур аст, ки рӯзномаи худро ҳамроҳ дошта, дар он тамоми амалиётҳои дар муддати таҷрибаомӯзӣ омухтаашро ҳар рӯз ба рӯзнома гузаронад, роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз биржа ё дигар муассисаи қарзӣ бояд рӯзномаи донишҷӯро аз назар гузаронида онро бо имзояш тасдиқ намояд.

***Устодони кафедраро зарур аст, ки роҳбарии таҷрибаомӯзиро бо тариқи зерин идора намоянд***:

- ➢ дар ҷаласаҳои умумӣ, ҷиҳати баланд бардоштани сифати

таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ иштирок намоянд;

- ➢ корро дар самти баргузории таҷрибаомӯзӣ ҷоннок намуда, ба донишҷӯён роҳҳои хубтар гузаштани таҷрибаомӯзиро нишон диҳанд;
- ➢ ҷиҳати ҳозиршавии донишҷӯ ба макони баргузории таҷрибаомӯзӣ назоратро қатъӣ намоянд;
- ➢ на кам аз ду маротиба ба ҷойи таҷрибаомӯзии донишҷӯён ҳозир шаванд;
- ➢ бо роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз биржа ё дигар муассисаҳои молиявӣ машваратҳо гузаронида, оиди иҷроиши нақшаи таҷрибаомӯзии донишҷӯ назорат барад, ба донишҷӯ ҷиҳати ҷамъоварии маълумотҳо барои навиштани рисолаи хатмкунӣ кӯмак намояд;
- ➢ нисбати камбудиҳои пешомада маслиҳату машваратҳо диҳад;
- ➢ ба таври инфиродӣ бо донишҷӯ корро пеш бурда, ба донишҷӯ ҷиҳати омодасозии рисолаи хатмкунӣ кӯмак намояд;
- ➢ рӯзнома ва нақшаи тақвимии донишҷӯро мунтазам мавриди назорат қарор диҳад;
- ➢ мӯҳлати иҷроиши рисолаи хатмро назорат бурда, аз донишҷӯ ҷиҳати ба таври қатъи истифодаи маводҳо ва маълумотҳои соҳавиро талаб намояд;
- ➢ ахлоқу рафтори донишҷӯро зери назорат гирад.

Биржаи фондӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад, тибқи шартнома донишҷӯёнро барои гузаштани таҷрибаомӯзии пеш аз дипломӣ қабул намуда, ба онҳо тамоми шароити кориро муҳайё намояд.

***Бо фармони директории биржа роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз ҳисоби кормандони биржа таъйин карда мешавад.***

Ба вазифаи умумии роҳбарӣ ба таҷрибаомӯзӣ дар биржа инҳоянд:

- ✓ интихоби роҳбарон аз ҳисоби мутахассисони ботаҷрибаи биржа ҷиҳати назорат ва кор бурдан бо донишҷӯён;
- ✓ тақсимоти донишҷӯён ба гуруҳҳои корӣ;
- ✓ таъмини шароити хуби корӣ барои донишҷӯён, тақсимоти онҳо, кӯмак расонидан ба онҳо ҷиҳати гузаронидани амалиётҳо дар биржа ва азхуднамоии барномаи кории биржа, ташкили корҳои машваратдиҳӣ ва ғайраҳо;
- ✓ нисбати донишҷӯёни таҷрибаомӯз серталабӣ зоҳир намуда, бо онҳо

ҳамчун корманди биржа муносибат намудан, аз онҳо иҷроиши нақшаро талаб намудан;

✓ оид ба фаъолияти ҳар як донишҷӯ баҳо дода, нисбати ахлоқу рафтор ва қобилияти кордонии онҳо маълумот диҳад;

Роҳбарони тачрибаомӯзӣ аз биржаи фондӣ бевосита дар ҷойи корӣ ба донишҷӯён дастурҳо дода, ҷихати иҷроиши дастуру супоришҳо мунтазам назорат барад.

Роҳбарони таҷрибаомӯзиро дар биржа зарур аст, ки қисмҳои ҷудодгонаи хисоботи таҷрибаомӯзиро санҷида, онро бо имзои худ тасдиқ намоянд.

## 5. УҲДАДОРИҲОИ ДОНИШҶӮ

1. Донишҷӯён бояд:

✓ донишҷӯён уҳдадоранд талаботи биржаро қабул намуда, тартиботи дохила ва ҳамчунон талаботи бехатарии биржаро риоя намоянд;

✓ дар ҷои корӣ мустақилона фаъолият намуда, ҷиҳати натиҷаи корашон ба роҳбарони таҷрибаомӯзӣ дар баробари кормандони биржа ҳисобот диҳанд ;

✓ ба кафедра ҳисоботи худро дар шакли хаттӣ пешниҳод намоянд;

✓ таҷрабаомузиро танҳо дар асоси фармони ректори донишгоҳ ба роҳ монанд;

✓ таҷрибаомӯзиро дар мӯҳлати муайяншуда гузаранд.

2. Дар ҳолати вайрон кардани тартиботи дохилии биржа аз ҷониби донишҷӯён аз роҳбарони муассиса хоҳиш карда мешавад ба ректори Донишгоҳ ва ё кафедраи тахассусӣ хабар диҳанд.

3. Дар ҳолати иҷро накардани шартҳои таҷрибаомӯзӣ аз ҷониби донишҷӯ ва ҳозир нашудан ба макони таҷрибаомӯзӣ ё баҳои ғайриқаноатбахш гирифтан, донишҷӯ аз донишгоҳ хориҷ карда мешавад.

## 6. НАТИҶАГИРӢ АЗ ГУЗАШТАНИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

Баъди анҷоми мӯҳлати таҷрибаомӯзӣ, донишҷӯ уҳдадор аст, ки ба роҳбари таҷрибаомӯзии худ ҳисоботро дар шакли хаттӣ пешниҳод намояд.

Ҳисобот бояд аз қисмҳои зерин иборат бошад:

✓ ***шарҳи мухтасар аз рафти таҷрибаомӯзӣ*** (дар ҳаҷми 10-15 саҳифа)

✓ ***замимаҳо***, ҳуҷҷатҳои аслӣ ва ё нусха, ки дар он маълумот оид ба гузаронидани амалиётҳои биржавӣ нишон дода шудааст.

***Донишҷӯ дар ҳисоботи худ бояд паҳлӯҳои зерини фаъолияти муассисаи бозори фондиро шарҳ диҳад:***

1. Тавсифи умумии биржа.
2. Таҳлили нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти биржа.
3. Тавсифи амалиётҳои дар биржа (диллингӣ, брокерӣ, коғазҳои қиматнок).

***Ба ҳисобот ҳамроҳ карда мешавад:***

1. Тақризи роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз муассисае, ки донишҷӯ дар он ба таҷрибаомӯзӣ сафарбар карда шудааст.
2. Нақшаи тақвимии мавзуҳо.
3. Рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ. Бо нишондодани тамоми паҳлӯҳои фаъолияти биржа, ки дар рафти таҷрибаомӯзӣ аз худ намудааст.
4. Боби якум ва дуюми рисолаи хатмкунӣ.

Ҳисобот ҳам аз ҷониби роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз биржа ва ҳам аз ҷониби роҳбар аз кафедра мавриди санҷиш карор дода шуда, баъдан баҳогузорӣ карда мешавад.

***Ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ тибқи муқаррарот бояд дар кафедра бо иштироки аъзоёни комиссия ба роҳ монда шавад:***

- раиси комиссия;
- роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра;
- аъзоёни комиссия.

Қаблан бояд комиссия маълумотҳои зеринро мувофиқа намояд:

- мувофиқ будани фармони таҷрибаомӯзӣ бо санаи оғоз ва анҷоми таҷрибаомӯзӣ ва варақаи таҷрибаомӯзӣ;
- маълумот оид ба пешниҳоди рисолаи хатмкунӣ.

Ба ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ, танҳо донишҷӯёне роҳ дода мешаванд, ки аз таҷрибаомӯзӣ гузаштаанд ва боби якум ва дуюми рисолаи хатмкуниро ба кафедра пешниҳод намудаанд.

Донишҷӯёне, ки аз уҳдаи ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ набаромаданд

ва рисолаи хатмкунии худро дар мӯҳлати муайяншуда пешниҳод накардаанд, барои супоридани имтиҳонҳои давлатӣ ва ҳимояи кори хатмкунӣ роҳ дода намешаванд.

## 7.СОХТОР ВА НАҚШАИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ (ТАЪЛИМӢ, ИСТЕҲСОЛӢ ВА ПЕШАЗДИПЛОМӢ)

| Давра | Номгӯй |
|---|---|
| Оғози таҷрибаомӯзӣ 13.04 | Ба донишҷӯён омӯзонидани талаботҳои ҳифзи меҳнат, бехатарӣ аз сӯхтор, инчунин қоидаҳои дохилии меҳнат шинос шаванд. |
| | Омӯзонидани фанҳои тадрисшавандаи кафедра |
| | Татбиқи барномаи таҷрибаомӯзӣ дар мувофиқат бо барномаи кории таҷрибаомӯзӣ бо мақсади ба даст овардани малакаҳои ибтидоии касбӣ, аз ҷумла малака ва маҳорати ибтидоии фаъолияти тадқиқотӣ |
| | Татбиқи барномаи таҷрибаомӯзӣ мувофиқи вазифаҳои инфиродӣ, ки донишҷӯён бо мақсади ба даст овардани малакаҳои ибтидоии касбӣ, аз ҷумла малака ва маҳорати ибтидоии фаъолияти тадқиқотӣ мегиранд |
| | Аз худ намудани низомномаву стандартҳои таълимии ихтисос |
| Анҷоми таҷрибаомӯзӣ 24.05 | Таҳия ва супоридани натиҷаи таҷрибаомӯзӣ (ҳимояи ҳисобот) |

## 8. ҶАМЪБАСТИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

8.1. Шакли аттестатсияи натиҷаҳои таҷрибаомӯзӣ дар асоси нақшаи таълимии донишгоҳ бо назардошти талаботҳои Шӯрои илмӣ-методии ДДМИТ муқаррар мешавад.

8.2. Шакл ва намуди ҳисоботи (рӯзнома, ҳисобот ва ғайра) таҷрибаомӯзии донишҷуёнро донишгоҳ муайян мекунад.

8.3. Пас аз анҷом ёфтани таҷрибаомӯзӣ, донишҷӯ ҳисоботи хаттиро тартиб дода, рӯзномаи таҷрибаомӯзиро бо имзои роҳбари бевоситаи таҷрибаомӯзӣ аз корхона (муассиса, ташкилот) ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ месупорад.

Ҳисобот бояд маълумотҳоро оид ба кори мушаххаси иҷрокардаи донишҷӯ дар давоми таҷрибаомӯзӣ ва инчунин шарҳи кӯтоҳи корхона, муассиса, ташкилот (коргоҳ, шуъба, озмоишгоҳ ва ғайра), ташкили фаъолияти он, масъалаи муҳофизати мехнат, хулоса ва пешниҳодҳоро дарбар гирад. Барои тайёр кардани ҳисобот ба донишҷӯ дар охири таҷрибаомӯзӣ 2-3 рӯз ҷудо карда мешавад.

8.4. Барои қабули санҷиш (ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ) мудири кафедра комиссия таъсис медиҳад. Ба ҳайати комиссия устодони кафедра, роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ва аз рӯи имконият роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз корхона дохил мешаванд. Дар рафти санҷиш тавсифномае, ки роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз корхона (муассиса, ташкилот) додааст, ба инобат гирифта мешавад.

8.5. Баҳодиҳии таҷрибаомӯзӣ ба баҳодиҳии (санҷишҳои) омӯзиши назариявӣ баробар ҳисобида мешавад ва ҳангоми ҷамъбасти фаъолияти донишҷӯ ба инобат гирифта мешавад.

8.6. Донишҷӯёне, ки бо сабабҳои узрнок барномаҳои таҷрибаомӯзиро иҷро накарданд ё аз дигар мактаби олӣ бе гузаштани ягон намуди таҷрибаомӯзӣ бо сабаби номувофиқии нақшаҳои таълимӣ ё бо сабабҳои дигар омадааст, аз   1- уми апрел то 1- уми май берун аз вақти хониш ба таҷрибаомӯзӣ фиристода мешаванд.

Донишҷӯёне, ки бе сабабҳои узрнок барномаҳои таҷрибаомӯзӣро иҷро накарданд ё баҳои манфӣ гирифтаанд, ҳамчун қарздори академикӣ бо тартиби муқаррарнудаи оинномаи ДДМИТ аз сафи донишҷӯён хориҷ карда мешаванд.

## 9. ШАКЛИ ҲИСОБОТ ДОИР БА ТАҶРИБАОМӮЗӢ.

Шакли назорати фаъолияти таҷрибаомӯзии донишҷуён, номгӯй ва шаклҳои ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ:

- ҳисобот доир ба ҷамъбасти таҷрибаомӯзӣ, бо тасдиқи роҳбари илмии донишҷу;
- рӯзномаи таҷрибаомӯзии таълимӣ, пешаздипломӣ, омодагардида дар мувофиқат бо вазифаҳои таҷрибаомӯзӣ;

- тавсифномаи фаъолияти таҷрибаомӯзии донишҷӯ аз тарафи роҳбари илмӣ.

Сохтори ҷадвалии назорати ҷории азхудкунӣ ва аттестатсияи донишҷуён аз рӯи навъи мушаххаси таҷрибаомӯзӣ дар ҷадвали 2 таҷассум гардидааст.

## 10. ТАЪМИНОТИ ТАЪЛИМӢ-МЕТОДОЛОГӢ ВА ИТТИЛООТИИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

### Санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ

1. Низомномаи намунавии ташкили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити низоми кредитии таҳсилот, Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2015 тасдиқ шудааст;
2. Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12. 2016, №19/24 тасдиқ шудааст;
3. Низомномаи намунавӣ дар бораи таҷрибаомӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илм аз 28.08.2014, № 18/10 тасдиқ шудааст;
4. Низомномаи роҳбарӣ ба корҳои илмии донишҷӯён, рисолаҳои хатмкунии бакалавриат, кори дипломии мутахассис ва магистр дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31. 01. соли 2008 №2/17 тасдиқ шудааст;

### Адабиётҳои асосӣ

5. Муслихова Т.Т. «Бозорои фондӣ» Душанбе – 2020.
6. Муслихова Т.Т. «Фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок», Душанбе – 2018.
7. Рынок ценных бумаг. Книга Российской Академии им. Плеханова, под ред. Галанова Б, Басова. Москва. Изд-во «Финансы и статистика».1996г.
8. «Рынок ценных бумаг и биржевое дело», Т.Б. Бердникова, Москва «ИНФРА-М», 2000 г.
**9.** «Биржевое дело», В.А. Галанов, А.И. Басов, Москва «Финансы и статистика», 2000 г.
10. Муслихова Т.Т. «Фаъолияти биржавӣ», Душанбе -2017.

11.«Анализ рисков операций с облигациями на рынке ценных бумаг», Дуглас Л.Г., М.: Изд. Филин. 1998.
12. Рахимов З.А. Ҷераев Ш.Ҷ., Абдуллоев А.Х. Васоити таълимӣ аз фанни қоғазҳои қиматнок ва бозори он. – Душанбе, 2007.

**Замима 1**

**Тақриз ба сатҳи донишазхудкунии донишҷӯ ҳангоми таҷрибаомӯзии таълимӣ**

**Ном ва насаби донишҷӯ**________________________________________

**Гуруҳ ва ихтисоси донишҷӯ**____________________________________

| **№** | **Меъёри арзёбӣ** | **Баҳогузорӣ** | | | | **Эродҳои роҳбари илмӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **2** | **3** | **4** | **5** | |
| **1** | Аз худнамоии мавзӯ | | | | | |
| **2** | Мантиқан баён кардани мавзӯ | | | | | |
| **3** | Хусусияти баён кардани маводҳои таълимӣ | | | | | |
| **4** | Услуб ва инъикоси муаррифии мавзӯ | | | | | |
| **5** | Дар вақти муайянгардида баён кардани фикру ақида | | | | | |
| **6** | Сатҳи суханварии донишҷӯ | | | | | |
| **7** | Дар раванди таълим истифода бурдани маводҳо тавассути технологияи иттилоотӣ | | | | | |
| **8** | Маълумотнокӣ, баёни ақида дар раванди дарс | | | | | |
| **9** | Хатогиҳо дар раванди аз худкунии мавзӯ | | | | | |
| **10** | Халли мушкилоти ҷойдошта | | | | | |
| **11** | **Холгузорӣ аз ҷониби роҳбар** | | | | | |

**Баҳои умумӣ ба донишҷӯ**_________

**Ном ва насаби роҳбари илмии донишҷӯ**_______________

**Замима 2**

**Тақриз ба сатҳи донишазхудкунии донишҷӯ ҳангоми таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ**

**Ном ва насаби донишҷӯ**________________________________________

**Гуруҳ ва ихтисоси донишҷӯ**____________________________________

| **№** | **Меъёри арзёбӣ** | **Баҳогузорӣ** | | | | **Эродҳои роҳбари илмӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **2** | **3** | **4** | **5** | |
| **1** | Аз худнамоии мавзӯ | | | | | |
| **2** | Мантиқан баён кардани мавзӯ | | | | | |
| **3** | Хусусияти баён кардани маводҳои таълимӣ | | | | | |
| **4** | Услуб ва инъикоси муаррифии мавзӯ | | | | | |
| **5** | Дар вақти муайянгардида баён кардани фикру ақида | | | | | |
| **6** | Сатҳи суханварии донишҷӯ | | | | | |
| **7** | Дар раванди таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ истифода бурдани маводҳо тавассути технологияи иттилоотӣ | | | | | |
| **8** | Маълумотнокӣ, баёни ақида дар раванди таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ | | | | | |
| **9** | Хатогиҳо дар раванди аз худкунии супоришҳои аз ҷониби роҳбар додашуда | | | | | |
| **10** | Халли мушкилоти ҷойдошта | | | | | |
| **11** | **Холгузорӣ аз ҷониби роҳбар** | | | | | |

**Баҳои умумӣ ба донишҷӯ**_________

**Ном ва насаби роҳбари илмии донишҷӯ**_______________

**Замима 3**

**Тақриз ба сатҳи донишазхудкунии донишҷӯ ҳангоми таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ**

**Ном ва насаби донишҷӯ**________________________________________

**Гуруҳ ва ихтисоси донишҷӯ**____________________________________

| № | Меъёри арзёбӣ | Баҳогузорӣ | | | | Эродҳои роҳбари илмӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2 | 3 | 4 | 5 | |
| 1 | Аз худнамоии мавзӯ | | | | | |
| 2 | Мантиқан баён кардани мавзӯи рисолаи хатм | | | | | |
| 3 | Хусусияти баён кардани маводҳои ҷамъовардашуда доир ба рисолаихатм | | | | | |
| 4 | Услуб ва инъикоси муаррифии маводҳои ҷамъовардашуда | | | | | |
| 5 | Дар вақти муайянгардида баён кардани фикру ақида | | | | | |
| 6 | Сатҳи суханварии донишҷӯ | | | | | |
| 7 | Дар раванди таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ истифода бурдани маводҳо тавассути технологияи иттилоотӣ | | | | | |
| 8 | Маълумотнокӣ, баёни ақида дар раванди таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ | | | | | |
| 9 | Хатогиҳо дар раванди аз худкунии супоришҳои аз ҷониби роҳбар додашуда | | | | | |
| 10 | Мувофиқаткунии макони таҷрибаомӯзӣ (шуъбаҳо) вобаста ба мавзӯи рисолаи хатм | | | | | |
| 12 | Ҷой намудани натиҷаи таҷрибаомӯзӣ дар рисолаи хатм | | | | | |
| 13 | Халли мушкилоти ҷойдошта | | | | | |
| 14 | **Холгузорӣ аз ҷониби роҳбар** | | | | | |

**Баҳои умумӣ ба донишҷӯ**_________

**Ном ва насаби роҳбари илмии донишҷӯ**_______________

**Замимаи 4**

Нақшаи кории донишҷӯ оид ба таҷрибаомӯзии таълимӣ

______________________________________________________

Ном, насаб, номи падар

№

Таркиби қисматҳои кор, навъҳои асосии фаъолият______________

Мӯҳлати иҷроиш________________________

Ишораҳо доир ба иҷроиш_____________

Имзои роҳбари барномаи таҷрибаомӯзӣ___________

Имзои донишҷӯ________________________

**Замимаи 5**

Нақшаи кории донишҷӯ оид ба таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ

_______________________________________________

Ном, насаб, номи падар

№

Таркиби қисматҳои кор, навъҳои асосии фаъолият______________

Мӯҳлати иҷроиш________________________

Ишораҳо доир ба иҷроиш_____________

Имзои роҳбари барномаи таҷрибаомӯзӣ___________

Имзои донишҷӯ________________________

**Замимаи 6**

Нақшаи кории донишҷӯ оид ба таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ

______________________________________________________

Ном, насаб, номи падар

№

Таркиби қисматҳои кор, навъҳои асосии фаъолият______________

Мӯҳлати иҷроиш________________________

Ишораҳо доир ба иҷроиш_____________

Имзои роҳбари барномаи таҷрибаомӯзӣ___________

Имзои донишҷӯ________________________

**Замимаи 7**

Мундарича

Сарсухан

1.........................................................................

2. .......................................................................

3. .......................................................................

4.........................................................................

Руйхати адабиётҳои истифодашуда

Замимаҳо

**Замимаи 8**

**Намунаи муқоваи ҳисоботи таҷрибаомӯзии таълимии донишҷӯ**

**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

**Факултети молия ва қарз**

**Кафедраи фаъолияти биржавӣ**

Ҳисобот

оид ба таҷрибаомӯзии таълимӣ

Иҷро кард: донишҷуи курси 2-юми ихтисоси

1-25010408 бозори фондӣ

ном, насаб, номи падар

роҳбари таҷрибаомӯзӣ: унвон

ном, насаб ва номи падар

Душанбе 2022

**Замимаи 9**

**Намунаи муқоваи ҳисоботи таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯ**

**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

**Факултети молия ва қарз**

**Кафедраи фаъолияти биржавӣ**

Ҳисобот

оид ба таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ

Иҷро кард: донишҷуи курси 3-юми ихтисоси

1-25010408 бозори фондӣ

ном, насаб, номи падар

роҳбари таҷрибаомӯзӣ: унвон

ном, насаб ва номи падар

Душанбе 2022

**Замимаи10**

**Намунаи муқоваи ҳисоботи таҷрибаомӯзии пешаздипломии донишҷӯ**

# ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

**Факултети молия ва қарз**

**Кафедраи фаъолияти биржавӣ**

Ҳисобот

оид ба таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ

Иҷро кард: донишҷуи курси 4-уми ихтисоси

1-25010408 бозори фондӣ

ном, насаб, номи падар

роҳбари таҷрибаомӯзӣ: унвон

ном, насаб ва номи падар

Душанбе 2022

Замимаи11

# НАҚШАИ ТАҚВИМӢ

тачрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯ

______________________________________________________________________

(ному насаби донишҷӯ)

дар_________________________________________________________________

(номи муассиса)

| № т/и | Муассисае, ки донишҷӯ ба тачрибаомӯзӣ сафарбар карда мешавад | Микдори рӯзҳое, ки тачрибаомӯз дар он бояд вазифаҳои ба уҳдааш гузошташударо анчом диҳад | Давраи ичроиши корҳо ва муҳлати гузаштани тачрибаомӯзӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

Роҳбари тачрибаомӯзӣ

--------------------------------------------------------------

Душанбе 2022